**БАРГУЗОРИИ ХОНИШИ ИДОРАВӢ-СИЁСӢ**
**ДАР ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ**

11-уми марти соли 2026 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон хониши идоравӣ-сиёсӣ баргузор гардид. Хониши мазкурро директори муассиса Сироҷиддин Ниёзӣ ифтитоҳ намуда, дар суханронии худ ба аҳамияти ҷашни Наврӯз ҳамчун мероси фарҳангии миллат ишора кард. Таъкид гардид, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳё ва муаррифии ҷашни Наврӯз дар сатҳи байналмилалӣ хеле назаррас мебошад. Бо ташаббус ва талошҳои пайвастаи Пешвои миллат Наврӯз ҳамчун мероси гаронбаҳои фарҳанги башарӣ дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ гардида, мақоми байналмилалӣ касб намуд. Дар идомаи хониш Амонӣ Салоҳиддин — мудири шуъбаи коркард ва татбиқи технологияҳои инноватсионии таълим (таҳсилоти 12-сола) дар мавзуи «Ҷашни Наврӯз дар шароити ҷаҳонишавӣ» маъруза намуда, аҳамияти ин ҷашни бостониро дар таҳкими худшиносии миллӣ ва гиромидошти арзишҳои фарҳангӣ таъкид кард. Ҳамчунин, Шаҳло Тоҳириён — ходими пешбари илмии шуъбаи мазкур дар мавзуи «Сатҳи касбии омӯзгор — омили ташаккули салоҳиятҳои эҷодии хонандагон» баромад намуда, зикр кард, ки баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон ба рушди қобилияти эҷодии хонандагон ва беҳтар гардидани сифати таҳсил мусоидат менамояд. Хониши идоравӣ-сиёсӣ бо муҳокимаи мавзуҳои пешниҳодшуда ва мубодилаи афкор идома ёфта, дар фарҷом аз натиҷаҳои он хулосабарорӣ гардид.









